# ҶАШНИ САДА - МЕРОСИ ФАРҲАНГИ НИЁГОН

Ношир: Ҳайати тадорукот Санаи интишор: 2 Феврал, 2026 - 17:46
[1]

Дар Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ҷашни Сада мизи мудаввар дар мавзуи «Ҷашни Сада - мероси фарҳанги ниёгон» баргузор гардид.
Дар мизи мудаввар раиси Кумитаи забон ва истилоҳот Сахидод Раҳматуллозода, муовини раиси Кумита Файзиддин Баротзода, директори Маркази миллии тарҷума, Ҳамрохон Дӯстзода, устодони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ - д.и.ф., профессор Саъдӣ Қосимӣ ва н.и.ф., Саида Зайдуллозода ва кормандони Кумита ва зерсохторҳои он иштирок намуданд.
Дар мизи мудаввар иброз гардид, ки ҷашну маросими фарҳангию суннатӣ муҳимтарин омили муттаҳидкунандаи аҳли башар ба шумор мераванд. Маҳз ба туфайли пуштибонии Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мамлакат ҷашнҳои миллӣ, махсусан Наврӯзи оламафрӯз, Сада, Меҳргон ва Тиргон дар сатҳи хеле баланд таҷлил мегарданд.
Таъкид карда шуд, ки тоҷикон аз зумраи миллатҳои куҳанбунёду тамаддунофаре ҳастанд, ки тавонистанд ҷашнҳои муқаддаси миллиашонро новобаста ба фишори мафкураҳои ҳоким дар низомҳои гуногуни сиёсӣ беосеб то ба имрӯз бирасонанд.
Гуфта шуд, ки тасвири баргузории ҷашни Садаро дар замони ҳукмронии Сомониёну Ғазнавиён дар асарҳои таърихӣ ва бадеӣ, махсусан дар қасидаҳо мушоҳида кардан мумкин аст.
Ҳамин аст, ки барои эҳёи дубора ва ҳифзи ҷашни Сада маҳз бо ташаббуси Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷумҳуриии фарҳангпарвари мо Сада расман ҷашн гирифта мешавад. Тоҷикистон ягона давлате аст, ки дар он ҷашҳои Меҳргон ва Сада рӯзҳои муайяни таҷлил доранд.

**Баҳодиҳии муҳтаво:** Select rating
Баҳои миёна: 5 (1 овоз)

Rate

## Категория:

- Ахбори рӯз [2]

[3]

[4]

-

[5]

[6]

[7]

[8]

[9]

[10]

-

**Манбаъ::**https://istilohot.tj/tg/content/chashni-sada-merosi-farkhangi-niyogon?mini=2026-07&page=2

**Пайвандҳо**
[1] https://istilohot.tj/sites/default/files/field/image/626571197_122189513870462396_5730103780568204551_n.jpg [2] https://istilohot.tj/tg/category/%D0%B0%D1%85%D0%B1%D0%BE%D1%80%D0%B8-%D1%80%D3%AF%D0%B7 [3] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/624681886_122189513954462396_2155164406478951562_n.jpg [4] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/624717144_122189514182462396_3320038120039104918_n.jpg [5] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/624725933_122189514044462396_5947601735196821290_n.jpg [6] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/625347674_122189513996462396_7109219026538917384_n.jpg [7] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/625351133_122189514134462396_8671422427298402589_n.jpg [8] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/626224635_122189514086462396_8020410599855975578_n.jpg [9] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/626571197_122189513870462396_5730103780568204551_n.jpg [10] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/626682254_122189513912462396_2851647720130819447_n.jpg